# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии**
**Иноятова Зебинисо Подабоновна дар мавзӯи “Мавқеи муаллиф – ноқил дар осори публитсистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)” барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Омӯзиши осори публитсистӣ ва муайян намудани махсусиятҳои он ҳамчун навъи эҷод барои тасвири воқеияти иҷтимоӣ дар илми журналистикаи тоҷик ба зарурати ногузир табдил ёфтааст, зеро ин самт барои пурра гардидани фазои илм мусоидат мекунад. Муҳаққиқон хусусияти публитсистикаро дар воқеӣ будани мавзӯъ, бо факт асоснок гардонидани он, образнокии сухан, оҳанги иҷтимоӣ ва мавқеъгириҳои сиёсӣ дониста, таъйиноти онро тарғиби ғояҳои пешқадам ва таъсири бевосита ба афкори умум донистаанд. Ба назари мо, ин гунаи омӯзиш дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ки мавҷи ахбор ҷомеаро зери таъсир қарор додааст, муҳимтар мебошад, зеро таҳқиқи воқеияти иҷтимоӣ дар осори публитсистӣ чун замина барои дарёфти роҳҳои солими таъсиррасонӣ ба тафаккури инсонҳо шинохта мешавад.

Аз ин нуктаи назар, мавзӯе, ки аз ҷониби диссертант Иноятова З.П. мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, мавзӯи актуалист, зеро ба яке аз бахшҳои муҳимми публитсистика – мавқеи муаллиф-ноқил дар осори публитсистӣ бахшида шудааст. Диссертант дуруст мегӯяд, аҳамияти омӯзиши осори публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев дар он аст, ки публитсистикаи ӯ бозгӯи ҳаёти воқеӣ буда, дар он ақидаҳои худшиносӣ, гуманитарию фалсафии нависанда инъикос ёфтаанд ва ин ҷузъиёт бештар дар фаъол будани образи ноқил ба назар мерасад.

Барои ман ҳамчун хонанда сабки баёни Нависандаи халқии Тоҷикистон устод Фазлиддин Муҳаммадиев, махсусан дар осори публисистиашон хеле ҷолиб аст. Яке аз муваффақиятҳои кори

диссертатсионии мазкур низ дар он аст, ки махсусиятҳои ҳамин ҷолибиятро аз нигоҳи илмӣ ошкор месозад. Дар робита ба ин, диссертант ҳақ аст, ки дар осори Фазлиддин Муҳаммадиев услуб, забону баёни шево, шеваи махсуси гуфтор, воқеияти комил дар заминаи авзои рӯз, маҳорати хоссаи мушоҳида, корбасти судманду таъсирбахши таъбиру андарзҳо, хулоса, ҳукм, тавзеҳ, ҷасорати эҷодӣ, интихоби ҳунармандонаи мавзӯъ, истифодаи бомаҳоратонаи воситаҳои таҳлилию тасвирӣ заминаи нақлҳои публитсистӣ гардида, дар онҳо принсипҳои бадеию эстетикӣ нозуконаву эҳсосбахш риоя шудаанд ва ин ҳама омилҳои комёбии адиб дар назди дӯстдорони эҷодаш гардидаанд. Диссертант хеле бамаврид ақидаи академик Муҳаммадҷон Шукуровро меорад, ки гуфтааст: “...Ҳар як асари ӯ ... маҳсули фикру андешаҳои доманадоре мебошад. Осори чунин андешаҳои дуру дароз ва пурҳаяҷон аз ҳамаи асарҳои ӯ намоён аст. Ҳамин фикру андешаҳои пуршиддат, ҳамин ҳиссиёту ҳаяҷони пурғалаён аст, ки зуд хонандаро ҳам фаро мегирад...”.

Боби якуми диссертатсия, ки “Таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои публитсистии Фазлиддин Муҳаммадиев” ном дорад, аз се фасли ба ҳам алоқаманд таркиб ёфта, дар маҷмӯъ, моҳияти бобро кушодааст. Фасли якуми боби мазкур ки “Оид ба шинохти ноқил дар насри публитсистӣ” унвон гирифтааст, аз нигоҳи мо, аз ҷониби диссертант хеле хуб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи диссертатсия барои шинохти ноқил ба сарчашмаҳои зиёде муроҷиат карда, андешаҳои муҳаққиқони сершуморро тазаккур медиҳад, ки онҳо барои шинохти пурраи ноқил дар насри публитсистӣ мусоидат кардаанд. Дар фарҷоми фасл низ хулосаи диссертант вуҷуд дорад; ӯ аз ҳамаи сарчашмаҳо ва андешаҳо дар маҷмӯъ, натиҷагирӣ мекунад.

Дар фасли дуюми диссертатсия низ таҳқиқ ҷараёни дурусти худро пайдо намуда, диссертант симои ноқилро дар асарҳои публисистии Фазлиддин Муҳаммадиев бармало сохтааст. Ин ҷо як нуктаро шоистаи

таъкид медонем, ки муаллифи диссертатсия ба аксар сарчашмаҳои илмие, ки ба осори устод Муҳаммадиев бахшида шудааст, дастрасӣ пайдо кардааст. Ин барояш имкон дода, ки дар баррасии мавзӯъ комёб бошад.

Дар фасли "Нақши тасаввур ва тасвир дар инъикоси фаъолияти шахсиятҳои фарҳангӣ" диссертант ба ҷузъиёти махсусиятҳои фаъолияти публитсистӣ пардохта, тасаввур ва тасвирро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз нигоҳи ӯ, ин ҷиҳатҳо барои инъикоси пурра ва эътимодбахши фаъолияти шахсиятҳои фарҳангӣ мусоидат мекунанд, ки мо низ ба ин мувофиқем.

Дар се фасли боби дуюми диссертатсия, ки "Симои муаллиф дар партави воқеияти асарҳои нависанда" унвон дорад, диссертант кӯшидааст, бо муайян кардани "Мавқеи муаллиф нисбат ба фарҳанг ва масъалаҳои адабиёту санъат", "Дидгоҳи муаллиф - ноқили воқеаҳо ба мушкилот ва проблемаҳои ҷомеа", "Нақши мушоҳида дар ташаккули нақли муаллиф" моҳияти ин боби кори худро ҳаллу фасл намояд. Ӯ ба мақсади худ расидааст. Мисолҳо аз асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев хеле хуб таҳлил шудаанд, диссертант хулосаҳои ҷолиб дорад. Масалан, мегӯяд, ин мавзӯъҳо ва проблемагузориҳои муаллиф имрӯз низ аҳамиятноканд.

Боби сеюми диссертатсия ба "Хислатҳои вижаи ноқили воқеаҳо ва услуби нигориши нависанда" бахшида шуда, диссертант дар се фасл нақши муаллифро ҳамчун "иштирокчии воқеаҳо дар насри воқеъгароёна" ва "андешапарвар дар осори публитсистиву бадеӣ" таҳқиқ намуда, ҳамзамон, кӯшиш кардааст "Уфуқҳои инъикоси бадеии воқеият дар жанрҳои ҳаҷвии публитсистика"-ро муайян намояд. Барои ин ҳадаф мисолҳои мушаххас ва мувофиқро аз осори публитсистии нависанда интихоб карда, ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор додааст. Диссертант дуруст мегӯяд, ки образи шартии ноқил, ки дар асоси мушоҳидаҳои муаллиф ба вуҷуд омадааст, дар ҳаракату пиндору

гуфтори ӯ ифода мeёбад ва ба ин васила ба равзанаи афкори хонанда роҳ кушода, хосияту сифати воқеияти асарро таъмин мекунад. Мо низ ба ин андешаи ӯ мувофиқем, ки "ҷанбаи пурқуввату ҷолибу пуртаъсири публитсистикаро хосияти фалсафии он ташкил медиҳад. Андешаву фикр дар ин ҳолат омиле мешаванд, ки хонандаро ба қазовату баҳогузориҳо водор менамоянд. Фазлиддин Муҳаммадиев аз ҷумлаи адибони муваффақест, ки ахлоқ ва авзои иҷтимоиро дар таҷзияи амиқ қарор медиҳад. Маҳорати комили адиб он аст, ки воқеиятро дар қолаби андеша хеле амиқ матраҳ менамояд ва дар роҳи таҳқиқи олами ботинии фард қадамҳои устуворона мегузорад".

Дар баробари ин комёбиҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар расиданд:

*- Дар фасли якуми боби аввал аз нигоҳи мо, агар диссертант вобаста ба чанд андешаи муҳаққиқон доир ба моҳияти ноқил бевосита муносибати худро муайян мекард, мавқеи ӯ мушаххастар мегардид;*

*- Фарогирии матолиби зиёд барои таҳлил баъзан боиси номафҳум мондани қисме аз ҷузъиёт гардидааст. Барои мисол, диссертант, "дар очеркҳои "Марди фозил" ва "Роҳи қуллаҳо" гуфта, танҳо яке аз онҳоро таҳлил мекунад; яке аз онҳоро ном бурдан ҳам фикри ӯро тақвият мебахшид, ҳоҷат ба ду очеркро ном бурдан набуд;*

*- Дар фасли якуми боби дуюм, ки мушаххасан ба мавқеи муаллиф нисбат ба фарҳанг ва адабиёту санъат бахшида шудааст, мисоле аз як очерки ӯ доир ба заҳматҳои қаҳрамононаи колхозчиён барои ҷамъоварии ҳосил баррасӣ мешавад. Ба назари мо, агар ин ҷо нигоҳи нависанда ба дунёи маънавии колхозчиён мебуд, ба мавзӯъ мувофиқат мекард, аммо ин ҷиҳат мушоҳида нашуд.*

*- Баъзе иқтибосҳо ҳаҷми нисбатан калон доранд;*

*- Як ҳолати такрори иқтибос ва такрори фикр низ ба назар расид.*

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки диссертатсияи мазкур кори таҳқиқии анҷомёфта аст, зеро дар он яке аз мавзӯъҳои муҳими публитсистикаи

тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифта, диссертант бо фарогирии маълумоти фаровон, мисолҳои мушаххас ва таҳлилҳои амиқ ба ҳадафҳои муайянкардааш расидааст.

Пас аз мутолиаи диссертатсия, автореферат ва маводи нашршудаи вобаста ба он маълум шуд, ки хулосаҳои илмии диссертант асосноку боварибахш ҳастанд ва натиҷаҳои таҳқиқот арзиши зиёди илмию амалӣ доранд, автореферат ва маҷмӯи маводи нашршуда ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат мекунанд. Эродҳое, ки зикрашон рафт, ба арзиши умумии кор таъсири ҷиддӣ надоранд.

Диссертатсияи номзадии Иноятова Зебинисо Подабоновна дар мавзӯи "Мавқеи муаллиф – ноқил дар осори публисистӣ (дар мисоли эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев)" ба талаботи диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯст ва муаллифи он ба дарёфти унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.


**Муқарризи расмӣ:**
**Номзади илмҳои филология,**
**Сармуҳаррири Муассисаи**
**давлатии маҷаллаи "Илм ва ҳаёт"** **Раҳимҷонов Х.У.**

*Суроға: ш. Душанбе, к. Н. Қаробоев 17*
*Тел.: +992 37 233-25-18, 93-489-26-56*
*E-mail: khushdil_09@list.ru*


*Имзои Раҳимҷонов Хушдилҷон*
*Умарқуловичро тасдиқ мекунам:*
**Масъули бахши кадрҳо:** **Ҳалимова Б.М.**

20.10.2020